**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло “Фирдавсшиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX )” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Дар имтидоди таърихи адабиёти тоҷик шоҳкорҳои қобили мулоҳизае таълиф шуда, ки миёни онҳо “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ бо он азамату шукуҳе, ки дорад, ҷойгоҳи намоёнро ишғол менамояд.

Беҳуда нест, ки ин манзумаи гаронсанг дар тӯли асрҳо ба таври мустамар мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқону, адабиётшиносон будааст. “Шоҳнома” бо забонҳои мухталифи ҷаҳон тарҷума шуда ва бисёре аз шоирону аҳли эҷод таъсиргузор гаштааст.

Бо “Шоҳнома” метавон аз зовияҳои гуногун назар афканд. Нақши онро дар тарбияти маънавӣ зебошинохтона, муаррифии расму сунан, мабонии ахлоқӣ, фарҳангу адаб, камолу инсиҷоми забони тоҷикӣ таҳқиқу баррасӣ намуд. Амре, ки то кунун дар ҳадди шоиста анҷом шудааст. Дар радифи ин набояд фаромӯш намуд, ки “Шоҳнома” дар рушду инкишофи афкори адабии тоҷик низ бисёр арзишманд аст.

Пажуҳишу таҳқиқоти мавҷуд дар адабиётшиносӣ риштаи хосеро бо номи фирдавсишиносӣ ба вуҷуд овардааст, ки шумори пажуҳишҳо дар ин замина рӯ ба фузунист. Фирдавсишиносӣ махсусан дар даврони истиқлол ривоҷу равнақи чашмгир пайдо намуд, ки ин мавзуи ҷудогонаест.

Боиси хушнудист, ки бо пешниҳоди рисолаи Одиназода Сафармоҳ Нурулло як бахши дигаре, як корномаи Ҳаким Фирдавсӣ сароҳангу равшанӣ пайдо мекунад.

Рисолаи мавсуф аз муқаддима, се боб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат буда, дар муқаддима ба зарурату мубраммияти мавзуи таҳқиқ

ишорат шудааст. Зикр гардид, ки ”Шоҳнома” аз ҳамон оғоз дар иртиқову болорафти сатҳи андешагӣ маънавист, бедорӣ, ҷаҳонигарии мардуми тоҷик нақши корсоз дошта, ҳамзамон сабабгори тағйиру камоли афкори адабии ҷомеа гардидааст.

Таъкид шуд, ки таъсиру нуфузи “Шоҳнома” дар ҳар давру замон вусъату доманаи вижа дошта, ҳамеша рӯ ба камолу пешрафт доштааст. Бо гузашти замон ниёзу эҳтиёҷи ҷомеаи мо ба “Шоҳнома” ва мазомини ҷовидонии он дар ҳама заминаҳо бештар мегардад.

Гувоҳи ин матлаб, иқдомоту чорабиниҳое мебошанд, ки дар ҷомеаи мо дар сатҳи ҳукумат, бо ҳидояту пешниҳоди Ҷаноби Олӣ Э. Раҳмон дар солҳои охир ба зуҳур расидааст.

Равшан аст, ки фирдавсишиносӣ мавзуи фароху пурвусъат аст, ки дар чаҳорчӯби як рисола наметавон атрофи ҳама масоилаш таҳқиқ намуд. Аз ин рӯ, диссертант пеши худ мақсад гузошта, мавзуъро дар имтидоди солҳои 50-80-уми асри гузашта мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Давраи мазкур бо шумори падидаҳои сиёсӣ-иҷтимоии замон яке аз дурахшонтарин адвор дар заминаи рушду густариши масоили адабиву фарҳангӣ, аз ҷумла фирдавсишиносӣ маҳсуб мешавад.

Муаллифи рисола бар мабнои маводди таҳқиқӣ саъй намуда, ҷойгоҳи “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсиро дар рушду камоли адабиёту фарҳанги имрӯза ва таъсиру нуфузи ормонҳои умумибашарии он мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Боби аввали рисола зери унвони **“Заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва рушди фирдавсишиносӣ (солҳои 50-80 уми асри XX)”** бештар ба заминашиносии мавзуи пажуҳиш такявор аст.

Диссертант бар ин назар аст, ки дар рушду тақвияти бисёре аз масъалаҳои адабӣ ва дар маҷмуъ адабиёт, нақши падидаҳову рухдодҳои сиёсӣ, дастгоҳи идеологии ҳоким бисёр махсус аст. Мавсуф бо итико ба дидгоҳҳои донишмандону адабиётшиносон иброз медорад, ки дар аҳди

Шуравӣ таваҷҷуҳи вижаи давлатмадорон, ниҳодҳои идеологии замон сабаби пешрафту камоли адабиёт гаштааст.

Бо шумори ин, ки фирдавсишиносӣ дар раванди такомулу пешрафти адабиёти тоҷик ҷойгоҳи чашмгире дошта, масири камоли он ба марҳилаҳо ҷудо шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ марҳалаи нахуст фарогири даҳаи поёнии асри XIX ва оғози асри XX аст, ки мусодиф ба Инқилобу таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Марҳилаи дуюм аз соли 1924 то соли 1989, ки шурӯи фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ аст, идомат дорад. Марҳилаи нахуст ба солҳои 30-40 асри гузашта рост меояд, ки дар адабиётшиносии тоҷик фирдавсишиносӣ расмияти хос пайдо мекунад.

Яке аз падидаҳое, ки боиси таҳрику таваҷҷуҳи бештаре ҷомеаи илмӣ мегардад, баргузории ҳазораи бузургдошти Фирдавсӣ дар соли 1934 ба шумор меояд. Рухдоде, ки ҳамоишу конфронсҳо ва нишастҳои зиёдеро ба дунбол дошт, ки ҳосилаш таълифу нашри мақолоту рисолаҳои муҳими илмӣ-пажуҳишӣ буд. Фирдавсишиносӣ дар марҳалаи мазкур дар ду қисмати ҷудогона рушд намудааст, ки марҳалаи аввали он солҳои 30-40-уми асри XX-ро муҳаққиқ Г. Шозиёева таҳқиқ намудааст, ки идомаи он солҳои 50-80-уми асри XX-ро диссертант марҳалаи муассир ба ҷомеа меҳисобад.

Воқеан, марҳалаи дуюм дарбаргирандаи солҳои 50-80-уми қарни сипаришуда аст, ки дар домани он фирдавсишиносӣ ҳузури густурда пайдо менамояд.

Ниҳоят марҳалаи сеюм, ки мусодиф ба замони Истиқлол аст. Муаллифи рисола бо назардошти ин, ки фирдавсишиносӣ дар аҳди Шуравӣ пешрафту дурахши чашмрас дошта ва гузашта аз ин дар шаклгириву пешрафти афкори адабии мардуми тоҷик таъсири амиқ дошта, масири онро ба ду марҳила ҷудо мекунад.

Диссертант таъкид менамояд, ки бар асари таҳаввуле дар сатҳи андешагии зимомдорони вақт дар ҷомеа як фазои бозии сиёсӣ ба зуҳур расид.

Воқеан, ин фазоро мо дар даҳаи 60-уми асри гузашта бисёр неруманд мебинем. Чун дар адабиётшиносии тоҷик як таҳаввуле сурат мегирад.

Як навъ бознигарии доштаҳои пешин сурат мегирад. Таваҷҷуҳи муҳаққиқона ба мероси адабиву фарҳангӣ ривоҷу равнақ меёбад, ки дар ин миён "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ дар мадди аввал қарор дорад.

Руҷуъ ба "Шоҳнома" бо нашри достонҳо ва пораҳои ҷудогона оғоз гардида, баъдан густариш пайдо менамояд.

Бояд арз намуд, ки омӯзишу баррасии ин шоҳкор ба ҷуз Тоҷикистон дар дигар пажуҳишгоҳҳои илмии собиқ Шӯравӣ аз ҷумла Институти шарқшиносии ИҶШС дар Москва, Санкт Петербург, Боку, Қазон, Алмаато ва Тошканд оғоз мешавад.

Диссертант муътақид аст, ки ин амр махсусан санаҳои бузургдошти зодрӯзу даргузашти А.Фирдавсӣ пуррангтар мегардад. Аз ҷумла, таҷлили 950-солагии даргузашти Ҳаким Фирдавсӣ шукуҳу шаҳомати хоссе касб мекунад. Ба ин муносибат ҳамоишу конфренсияҳои зиёд доир мегардад, ки маводди зиёди пажуҳишӣ ироаву нашр мешавад.

Дар ин бахш аз муҳаққиқони номвар Е.Э. Бартелс, Брагинский, А. Эделман, С.Айнӣ, Л.Лоҳутӣ, Х. Шарифов, К.Айнӣ ва дигарон зикри ном шудаанд. Эшон ба паҳлуҳои гуногуни масири зиндагӣ ва корномаи шоир дахл намудаанд. Дар рисола махсусан ба саҳми арзишманди олими рус Е.Э. Бартелс дар омӯзишу таҳқиқи осори гаронсанги А. Фирдавсӣ махсус таъкид шудааст.

Муаллифи рисола бо такя ба андешаҳои адабиётшиносоне, ки ба мафкураи ҳоким бар замон созгор будааст, изҳор доштааст. Дар бисёр мавридҳо вожагону таркиботе, ки ба мазҳабу дин пайвандӣ доштанд, аз матн ҳазф гардиданд.

Дар рисола қайд шудааст, ки таҳқиқ ва андешаҳои С.Айнӣ аз нахустин муҳаққиқи асари А. Фирдавсӣ маҳсуб мешавад ва дар давраи

мавриди таҳқиқ барои аксари пажуҳандагону адабиётшиносон заминасоз будааст.

Зербоби аввали боби якум **“Рушди фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон”** номгузорӣ шуда, дар матни он давраи мушаххас дар таҳқиқи мавзуъ солҳои 50-80 уми асри XX мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор мегирад.

Муаллифи рисола барои таҳқиқ ва баёни сареҳи он ба се мавзуи калидӣ мепардозад. Нахуст таъйини таъсири “Шоҳнома”, ки дар ин давра ба нашр мерасад, дар амри дигаргунӣ ва таҳаввули афкори адабии тоҷик; Дуввум, муайян намудани саҳми муҳаққиқони шуравӣ дар пажуҳишу рушди фирдавсишиносӣ ва ниҳоят ҷойгоҳи тарҷумаву мутарҷимон дар тарҷума ва баргардони “Шоҳнома”.

Бояд арз дошт, ки диссертант дар ҳаллу фасли мавзуи таҳқиқ ба ҷанбаҳои муҳим ангушт мениҳад, вале дар баъзе ҷойҳо баёни масъала низоми чандон матлубе надорад. Аз марказҳое, ки онҷо “Шоҳнома” таҳқиқ ё чоп шуда, ба таври умум зикри ном менамояд, муҷаддан аз накши Е.Э. Бертелс ҷиддӣ ёддовар мешавад. Аз донишмандоне, ки дар Москва машғули тадвину тасҳеҳу нашри интиқодии “Шоҳнома” буданд, зикри хайр мекунад, вале ба гунаи мушаххас қайд нашудааст, ки асар кай ба чоп расид.

Дар ин бахши зикргардида чопи нахустину комили асар дар Тоҷикистон соли 1964 сурат мегирад.

Қобили қайд аст, ки нашри комили ин шоҳкор барои ҷомеаи адабӣ ва дар маҷмуъ мардуми тоҷик падидаҳои хушоянде буд. “Шоҳнома” бо пешгуфтори шарқшиноси маъруф академии А. Мирзоев ба табъ расидааст. Дар тадвину нашри он аз нусхаи гуногуни маҳфуз дар китобхонаҳои кишварҳои мухталиф, аз ҷумла Эрону Ҳиндустон нусхаҳои хаттӣ дар китобхонаҳои Ленинграду Москав истифода шудааст.

Нашри комил чун чопи интиқодӣ маҳсуб мешавад, дар поварақ бо чанд нусха нишон дода шудааст. Ҳамзамон таъкид шуд, ки мураттибони нашр зимни баргардони матн аз хатти форсӣ бо иштибоҳоти зиёде роҳ додаанд. Ин масъала дар рисола бо зикри мисолҳо нишон дода шудааст.

Зерфасли дигари рисола ба таҳқиқу арзёбии саҳми муҳаққиқони Шуравӣ дар пешрафту тараққии фирдавсишиносӣ бахшида шудааст.

Диссератант аз донишмандони зиёде зикри ном мекунад, ки дар ҳилоли замон мустақим ё ба муносибате ба омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни "Шоҳнома" пардохтанд. Номбурда муҷаддадон ба С.Айнӣ ишорат меварзад, ки пас аз Н. Бектош аз нахустин пажуҳандагони корномаи Фирдавсӣ буд. С. Улуғзода низ ба ақидаи пажуҳанда дар шинохти "Шоҳнома"-и А. Фирдавсӣ корсоз аст.

Мавсуф дар заминаи ҳам таҳқиқоти илмӣ ва ҳам осори адабӣ, ки тафсилаш дар рисола омадааст, хуб таҳлил шудааст. Ҳамзамон, ба саҳми академик Б.Ғафуров дар муаррифӣ ва шинохти Фирдавсӣ таъкид шудааст.

Бояд қайд намуд, ки муаллиф ҳамзамон бо зикри исми муҳаққиқони фирдавсишинос иқтибосҳоеро низ нақл намуда, ки қобили мулоҳизаанд.

Дар зерфасли мазкур ба нақши ду нафар аз чеҳраҳои фарҳангу адаби муосири тоҷик дар омӯзишу шинохти А. Фирдавсӣ таъкиди махсус шудааст. Нахуст нависандаи номвар С. Улуғзода зикр ном мешавад, ки дар ин замина корҳои шоистаеро анҷом додааст. Аз ҷумла, баргардони достонҳои асар ба наср ва таълифи романи "Фирдавсӣ". Дар рисола аҳаммияту арҷи очерки Аҳмад Абдуллоев соли 1987 ба табъ расида, махсусан таъкид шудааст. Очерки номбурда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар идомаи ин бахш саҳми мутарҷимони "Шоҳнома" А.Лоҳутӣ, С. Бону Лоҳутӣ, С. Липкин, В. Державин, И. Селвинский, И. Соколов ва дигарон баёну арзёбӣ шудааст. Муаллифи рисола барои таъйиди

андешаҳои хеш то андоза намунаҳое аз тарҷумаҳои анҷомшуда нақл намудааст.

Боби дувуми рисола зери унвони **“Фирдасишиносӣ ва адабиёти муосири тоҷик” (солҳои 50-80-уми асри XX)”** бевосита ба баррасии таъсири “Шоҳнома” ба адабиёти муосир қабл аз ҳама насри тоҷик ихтисос дорад.

Тавре, ки аз мурури боби мазкур равшан мегардад, муаллифи рисола боварманд аст, ки аксари нависандагони муосир аз “Шоҳнома”-и А. Фирдавсӣ таъсир пазируфта, талош намудаанд, дарунмояҳои муҳимми ин шоҳкорро ба гунае дар осори худ бозтоби бадеӣ шудааст, тасвир кунанд. Мавсуф зимни баёни шеваи С. Айнӣ нишон медиҳад, ки чи гуна Устод ҳатто дар мақолаҳои публиститсияш аз маводди “Шоҳнома”, бавижа аз унвони қаҳрамонон фаровон истифода мекунад. Диссертант қотеъона менависад: ”Шоҳнома” барои нависандагони муосир намунаи эҷод ва таълифи афкору андешаҳои волоанд” [Дисс. Саҳ. 82].

Диссертант бо такя ба ин иддао ба эҷодиёти як зумра нависандагон руҷуъ намуда, бо мисолу шавоҳид андешаашро собит месозад. Масалан, аз нависандаи номвар Ҷ. Икромӣ ёдовар шуда, таъсирпазириашро аз “Шоҳнома” дар романи “Духтари оташ”, “Сафармахсум дар Бухоро”, “Ҳикояҳо ва очеркҳо (1960) нишон медиҳад.

Ба ақидаи диссертант Ҷ. Икромӣ маъмулан дар осораш барои тақвияти андешаҳояш аз саҳнаҳои мухталифи шоҳкори Абулқосим Фирдавсӣ кӯмак гардидааст.

Дар ин бахш дар радифи Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, Ф. Ниёзӣ, Ф. Муҳаммадиев ва дигарон ба сифати шоҳид нақл шуда, таъсирпазирии эшон аз “Шоҳнома” нишон дода шудааст. Бар асоси пажуҳишу ёфтаҳои диссертант баҳрагирӣ аз сухану каломи А. Фирдавсӣ махсусан дар асарҳои Ф. Муҳаммадиев ҳузури густурда дорад.

Дар зерфасли баъдӣ муаллифи рисола радди пойи "Шоҳнома"-ро дар назми муосири тоҷик дар давраи мавриди назар ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Мавсуф нахуст баҳрагирии А. Лоҳутиро, ки мутарҷими "Шоҳнома" ҳам ҳаст, бо мисолҳо нишон додааст. Тавре, ки дида мешавад А. Лоҳути аксар барои баёни андешаҳои худ аз номи қаҳрамонони "Шоҳнома" истифода менамояд.

Мирзо Турсунзода низ мисли А. Лоҳути дар ашъораш бо зикри номи қаҳрамонон ва гоҳо исми Фирдавсӣ ба ҷойгоҳу манзалати корномаии шоир арҷ мегузорад. Чунин шеваи коргирӣ дар ашъори М. Миршакар, А. Деҳотӣ ва дигарон ҳам дида мешавад, ки дар рисола намунаҳояш зикр гардидааст.

Бояд хотиррасон намуд, ки таъсирпазирӣ аз созу барги "Шоҳнома", бахусус дар сурудаҳои Л. Шералӣ ҳузури зинда дорад. Ногуфта намонад, ки солҳои 80-уми асри гузашта дар ҷомеаи адабии мо як фазои хосе эҷод шуда буд. Бархӯрд ба гузаштаи фарҳангӣ, мероси гаронсанги ниёгон нерӯи тоза пайдо намуда буд, ки намунааш силсилаашъори "Илҳом аз "Шоҳнома"-и Л. Шералӣ аст.

Диссертант достонҳои М. Қаноатро низ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода, ба натиҷае мерасад, ки дар сабки баёни ӯ таъсиру сояи каломи Фирдавсӣ эҳсос мешавад.

Дар зерфасли мазкур сурудаҳои Б. Собир ва Гулрухсор низ таҳлил шуда, сатҳи таъсирпазирии эшон аз "Шоҳнома" нишон дода шудааст.

Боби сеюми рисола **"Таъсири ғояҳои меҳварии "Шоҳнома" дар ташаккур ва рушди афкори адабии тоҷик (солҳои 80-уми асри XX)"** унвон шуда, диссертант дар матни он талош намуда, вижагиҳои ғоявии ин шоҳкорро дар рушду камоли афкори адабии тоҷик нишон диҳад.

Мавсуф зикр намуд, ки "Шоҳнома"-ро наметавон дар марзи ҷуғрофиёи маҳдуд мавриди таҳқиқ қарор дод, чун мазомини матруҳа дар ин асар аҳаммияти умумибашарӣ доранд. Маҳз чунин ғояҳо, ки меҳвари асосии "Шоҳнома"-ро ташкил медиҳанд, наслҳои мухталифи ҷаҳонро

абадӣ тарбия намуда, дар руҳияи волотарин арзишҳои ахлоқӣ тарбия менамоянд.

Дар пайванд бо ин дар ин бахш ба муҳимтарин мавзуъҳои тарҳшуда дар “Шоҳнома” аз қабили меҳанпарастӣ, башардӯстӣ, хирад, илму дониш ва ғайра ишорот шудааст. Дар идомаи матн аз муҳаққиқоне зикри ном шудааст, ки дар хилоли замон перомуни ҷанбаҳои гуногуни “Шоҳнома” таҳқиқ намудаанд.

Муаллифи рисола бо истинод бо муҳаққиқон варзида Е.Э. Бартелс, М. Мулоаҳмадов, Р. Ҳодизода, иброз медорад, ки А. Фирдавсӣ на танҳо ба адабиёти мардуми Шарқ, балки ба адабиёти Мағрибзамин низ таъсири амиқе гузаштааст. Диссертант дуруст хотирнишон месозад, ки “Шоҳнома” мактаби хирадсолорӣ ва инсондустӣ буда, на танҳо таърихи халқи тоҷик, адабиёт, фарҳанг ва тамаддуни форстаборону форсизабонон, балки ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, фалсафӣ ва фарҳангии аҳли башарро таҷассум мекунад [Дис.162].

Дар зербоби охири боби сеюм корҳои анҷомшуда дар риштаи фирдавсишиносӣ бо зикри  вижагиҳо, сатҳи иҷро ва дурнамои рушду инкишофи он бозгӯ шудаанд.

Дар поён лозим медонем ба бархе аз камбуду норасоиҳои мавҷуд дар таҳқиқ ишора гардад.

1. Нахустин эроде, ки ба баъзе мутуни рисола дахл дорад, сабку баёни нокифоя  дар тавсифу шарҳи матолиб аст. Дар ҳоле, ки як таҳқиқ низоми равишмандро тақозо дорад. Дар боби аввал бояд заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсии рушду камоли фирдавсишиносӣ муайян мешуд, вале ба ҷуз баргузории Анҷумани XX ҳизби коммунист, ки гӯё дар таҳаввулу пешрафт таъсиргузор будааст, дигар матлабе баён нашудааст. Заминаҳо шарҳу тафсири муҳққиқонаву мушаххасро тақозо мекунанд.

2. Дар рисола ин андеша зуд-зуд такрор мешавад, ки дар хилоли солҳои 50-80 дар остонаи таҷлили даҳаҳои адабиёти тоҷик дар

Тоҷикистон ва дигар кишварҳои порчаҳо аз "Шоҳнома" чоп мешуданд. Мутаассифона зикр нашуда, ки кай ва ба чӣ муносибате.

3. Аксар барои таъйиди андеша аз муҳаққиқон, мисли С. Табаров ва Ш. Ҳусейнзода иқтибос оварда мешавад, ки ба мавзуи матруҳ ҳеч пайванде надоранд.

4. Дар зербоби дуюм нақши муҳаққиқон ва мутарҷимин дар таблиғу тарвиҷи фирдавсишиносӣ норавшан аст. Чун таълифоти эшон ба ҷуз очерки А. Абдуллоев ва таълифоти Е.Э. Бертелс тафсир намешавад.

5. Дар боби дуюм иқтибос аз А. Шукуҳӣ нақш шудааст, ки хеле содаву сатҳӣ ба назар мерасад.

6. Барои нишон додани таъсирпазирӣ аз "Шоҳнома" чанд тане аз шоирону нависандагон баргузида шудаанд, аммо шеваи баён қонеъкунанда нест.

7. Дар рисола бархе аз иқтибосот айнан такрор мешаванд. Масалан дар саҳ. 154 ва 164,156 ва 166.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, асосан, хусусияти тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант оид ба мавзуи таҳқиқ нашр намудааст, муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтаанд. Воқеан, мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

Хулоса, диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф

сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ –аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи филологияи Эрони
факултети забонҳои Осиё ва Аврупои
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сафаров У.Р.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи А. Қаҳҳорӣ, гузаргоҳи 6, хонаи 11
Тел.: (+992) 98-578-67-11
E-mail: umar_safar@mail.ru

Имзои Сафаров Умархоҷа Раҳимовичро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э. Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

18.08.2026